# ДАСТУР ВА НАМУНАИ АРИЗА ОИД БА ТАҚСИМ НАМУДАНИ МОЛИКИЯТИ МУШТАРАКИ ЗАНУ ШАВҲАР

Тибқи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, молу мулке, ки зану шавҳар дар давраи заношӯӣ ҷамъ кардаанд, моликияти муштараки онҳо мебошад. Аз ин бармеояд, ки ҳар молу мулке, ки зану шавҳар дар давраи ақди никоҳи қонунӣ ба даст овардаанд, яъне харидорӣ намудаанд ё дар асоси иҷозат ва ҳуҷҷатҳои дахлдор сохта ба истифода додаанд, моликияти муштараки зану шавҳар ба шумор меравад.

### Бояд донист!

Зану шавҳар ҳуқуқ доранд, ки тақсими пасандоз, саҳмия, ҳисса ва саҳми дар сармояи муассисаи кредитӣ ё ташкилотҳои дигари тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ ба номи яке аз онҳо гузошташударо талаб намоянд, агар ин пардохтҳо моликияти муштараки онҳо бошанд.

## Тақсим намудани моликияти муштарак

Моликияти муштараки ҳамсарон метавонад бо созиш ва розигии зану шавҳар бидуни муроҷиат ба суд байни ҳамдигар тақсим карда шавад. Дар сурати набудани созиш баҳсҳо оид ба тақсими моликияти муштараки зану шавҳар бо пешниҳоди аризаи даъвогӣ аз ҷониби суд ҳал карда мешавад. Моликияти муштараки ҳамсарон метавонад чӣ дар давоми заношӯӣ ва чӣ баъди талоқ, бо даъвои ҳар кадоме аз ҳамсарон  тақсим карда шавад.

### Дар хотир дошта бошед!

Ҳангоми бекор шудани ақди никоҳи зану шавҳар, муҳлати даъво ба суд дар бораи тақсим намудани молу мулки муштарак, се сол муқаррар карда шудааст, яъне талабот дар бораи тақсим намудани молу мулки муштарак бояд дар давоми ин муҳлат пешниҳод карда шавад.

## Бояд донед!

Ҳангоми муайян намудани ҳиссаи зану шавҳар дар моликияти муштарак ҳиссаи онҳо баробар дониста мешавад, ба истиснои баъзе ҳолатҳо.

## Ҳолатҳои зиёд кардани ҳиссаи яке аз ҳамсарон

Суд метавонад ҳиссаи зан ё шавҳарро дар молу мулки умумиашон бо дарназардошти ҳолатҳои зерин зиёд ва ё кам кунад:

- манфиати фарзандони ноболиғ;
- манфиати фарзандони болиғи корношоями эҳтиёҷманд;
- манфиати қобили таваҷҷӯҳи зан ё шавҳар:
  - корношоямӣ;
  - агар яке аз онҳо бо сабабҳои узрнок даромад нагирифта бошад ё молу мулки умумиро бар зарари манфиати оила сарф карда бошад;
  - ҳолатҳои дигари қобили таваҷҷӯҳ.

## Диққат!

Дар зер намунаи аризаи даъвогӣ ба суд оиди моликияти муштараки ҳамсарон эътироф намудани хонаи истиқоматӣ ва тақсим намудани хонаи истиқоматӣ дар шакли асл оварда шудааст. Ҳангоми зарурат Шумо метавонед аз ин намуна истифода баред.

*Намуна*

**Ба Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе**

**Даъвогар:** *(насаб, ном ва номи падари даъвогар)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати (муваққатии) даъвогар)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони даъвогар)*

**Ҷавобгар:** *(насаб, ном ва номи падари ҷавобгар)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати ҷавобгар)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони ҷавобгар)*

**АРИЗАИ ДАЪВОГӢ**
**/Дар бораи моликияти муштараки ҳамсарон эътироф намудани хонаи истиқоматӣ ва тақсим намудани хонаи истиқоматӣ дар шакли асл (натура)/**

Бо ҷавобгар __________ *(ному насаби ҷавобгар)* соли 1990 оила барпо намуда, ақди никоҳамонро дар Бахши САҲШ - и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе таҳти №300, аз санаи 01.09.1991 сол ба қайд гирифтаем.

Аз зиндагии якҷояамон соҳиби як фарзанд __________ *(ному насаби фарзанд)* 05.04.1992 соли таваллудаш мебошем, ки айни замон фарзандамон ба балоғат расидааст.

Айни замон муносибати оилавии байни мо қатъ ёфта, ақди никоҳи байни мо расман бекор карда шудааст.

Дар давраи ақди никоҳи қонунӣ доштанамон, бо ҷавобгар манзили истиқоматии воқеъ дар шаҳри ________, кӯчаи ________, хонаи ______, ҳуҷраи ____ - ро харидорӣ намудаем.

Дар давраи зиндагии якҷоя, манзили мазкурро пурра азнавсозӣ карда, таъмири капиталӣ кардем, ки айни замон масоҳати умумии манзили мазкур 120 метри мураббаъро ташкил дода, аз чор ҳуҷраи зист бо масоҳатҳои 15,0 метри мураббаъ, 15,0 метри мураббаъ, 14,0 метри мураббаъ, 14,0 метри мураббаъ, даҳлез 12,0 метри мураббаъ, ошхона 14,0 метри мураббаъ, ҳамом 10,0 метри мураббаъ ва ҳоҷатхона 6,0 метри мураббаъ иборат мебошад.

Сохтмонҳои анҷомдодаро дар Комиссияи қонунигардонии молу мулки ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе қонунӣ гардонида, ба номи ҷавобгар шаҳодатнома дар бораи қонунигардонии молу мулк аз санаи 17 феврали соли 2009, теҳти №5422 дода шудааст.

*Мутобиқи талаботи қисми 1-и моддаи 34 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, молу мулке, ки зану шавҳар дар давраи заношӯӣ ҷамъ кардаанд, моликияти муштараки онҳо мебошад.*

Мутобиқи меъёри қонуни мазкур, манзили истиқоматии воқеъ дар шаҳри

______, кӯчаи ______, хонаи _____, ҳуҷраи ____, моликияти муштараки мо ҳамсарон ба шумор меравад.

*Мутобиқи талаботи қисми 1-и моддаи 38 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақсими молу мулкие, ки моликияти муштараки зану шавҳар мебошад, чӣ дар давоми заношӯӣ ва чӣ баъди талоқ, бо талаби ҳар кадоме аз онҳо, инчунин дар ҳолати аз ҷониби қарздиҳанда талаб кардани тақсими моликияти умумии зану шавҳар барои ситонидани маблағи қарз аз саҳми зан ё шавҳар дар моликияти умумӣ сурат гирифта метавонад.*

Манзили истиқоматии воқеъ дар шаҳри ________, кӯчаи ______, хонаи ______, ҳуҷраи ____, бо ду ҳиссаи баробар тақсим шуданаш имконпазир мебошад ва зарур аст, ки бо асосҳои дар боло қайдшуда, манзили мазкур байни мо бо ҳиссаҳои баробар, дар шакли асл (натура) тақсим карда шавад.

Дар асоси гуфтаҳои боло ва бо дастрасии қисми 1-и моддаи 34 ва қисми 1-и моддаи 38-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз суд-

**ХОҲИШ МЕНАМОЯМ:**

Манзили истиқоматии воқеъ дар шаҳри ________, кӯчаи ______, хонаи ______, ҳуҷраи ___ молу мулки муштараки мо ҳамсарон ___________ ва __________ *(ному насаби ҳамсарон)*, эътироф карда шавад.

Манзили истиқоматии воқеъ дар шаҳри _______, кӯчаи _______, хонаи _____, ҳуҷраи ____ байни мо ба тариқи зайл:

- ба ман, ___________ *(ному насаби яке аз ҳамсарон, даъвогар)* ду ҳуҷраи зист бо масоҳатҳои 15,0 метри мураббаъ, 14,0 метри мураббаъ, дар шакли асл (натура) тақсим карда шавад.
- ба ___________ *(ному насаби яке аз ҳамсарон, ҷавобгар)* ду ҳуҷраи зист бо масоҳатҳои 15,0 метри мураббаъ, 14,0 метри мураббаъ, дар шакли асл (натура) тақсим карда шавад.

Ҳуҷраҳои ёрирасон: даҳлез 12,0 метри мураббаъ, ошхона 14,0 метри мураббаъ, ҳамом 10,0 метри мураббаъ ва ҳоҷатхона 6,0 метри мураббаъ таҳти истифодабарии умумии байни мо ___________ ва __________ *(ному насаби ҳамсарон)* қарор дода шаванд.

**Замима:**

1. 2 нусхаи аризаи даъвогӣ;
2. Расиди пардохти боҷи давлатӣ;
3. Маълумотнома аз ҷои истиқомати даъвогар;
4. Нусхаи шиносномаи даъвогар;
5. Нусхаи шаҳодатномаи ақди никоҳ;
6. Нусхаи шаҳодатномаи бекор кардани ақди никоҳ;
7. Нусхаи шиносномаи техникии манзили истиқоматӣ;
8. Нусхаи шаҳодатнома дар бораи қонунигардонии молу мулк.

**Даъвогар:** ___________________ __. __.  ________________
(ному насаб)  (имзо)

"____" __________________ ______
(санаи пешниҳод намудани ариза)